**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Кабиров Шарифбек Абдусаломович дар мавзуи **“Хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ. Душанбе, 2025

Таҳқиқоти диссертатсионии Кабиров Шарифбек Абдусаломович дар мавзуи **“Хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ”**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод гардидааст, мубраму ҷолиби диққат аст ва шиносномаи ихтисоси илмӣ дар ин самт мутобиқат менамояд.

**Мақсади таҳқиқи диссертатсионӣ** омӯзиши хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ буда, унвонҷӯ барои амалӣ намудани он вазифаҳои гузоштташудро ба хубӣ иҷро намудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар автореферат чунин муайян гардидаанд, ки дар диссертатсия аввалин маротиба омӯзиши назариявии мафҳумҳои варзишӣ дар забони имрӯзаи англисӣ ба роҳ монда шуда, мушкилоти тарҷумаи калимаҳои соҳаи варзиш аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ошкор гардидааст. Инчунин, нахустин маротиба хусусият ва методҳои асосии тарҷумаи мафҳумҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ муайян карда шуда, умумият ва фарқияти мафҳумҳои соҳаи варзиш дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ нишон дода шудаанд. Дар ин замина нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда дар шакли 5 банд аз нигоҳи илмӣ ва методологӣ дуруст пешниҳод гардидаанд.

Дар автореферати диссертатсия **аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** чунин пешниҳод гардидааст: маводи диссертатсионии мазкур

метавонад дар омӯзиши минбаъдаи муқоисавии мафҳумҳо, истилоҳоти варзишӣ ҳангоми тарҷума мусоидат намояд. Натиҷаҳои бадастомада барои ҳалли як қатор масъалаҳои забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ ҳангоми муқоиса ва тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ҳамчун заминаи илмию назариявӣ метавонанд мавриди истифода қарор гирад.

Инчунин, **саҳми шахсии унвонҷӯ** дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала, омӯзиши дурусти таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ, таҳлили маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои таҳқиқотӣ бадастомада, истифодаи маҷмуи усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот дар ташкил ва баргузор намудани таҳқиқоти омӯзишӣ, тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар раванди таҳқиқ, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот, дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва дар коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ зоҳир мегардад.

Ҳамчунин, диссертант доир ба мавзуъ 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 6 мақола, дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва чоп намудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, 2 боб, 7 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва замима таҳия шудааст ва ба талаботи ба расмиятдарори диссертатсия ҷиҳати дарёфти дараҷи илмии номзади илм мувофиқат мекунад.

Муқаддимаи диссертатсия инъикоскунандаи дастгоҳи илмии таҳқиқот буда, тибқи меъёр таҳия шудааст. Боб ва зербобҳои таҳқиқот аз нигоҳи илмӣ, мантиқӣ ва методологӣ дар шакли хуб корбаст гардидаанд, хулосаи он дар ҳаҷми 24 банд натиҷагирӣ шудааст.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсия фарогири матни илмӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таҳия гардидаст ва мазмуну муҳтавои таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос кардааст.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи **Кабиров Шарифбек Абдусаломович** дар мавзуи **“Хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ”** ба талаботи бандҳои 54, 84-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони
кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи
давлатии Данғара Қосимов М.С.

Имзои М.С Қосимов -ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА ШУЪБАИ КАДРҲО

**Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи данғара кучаи Маркази, 25;
**E-mail:** qosimov95@gmail.ru
**Тел. моб:** (+992904434390;

19 марти соли 2025